Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

14 декабри соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,

рақами бақайдгирӣ 957

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

аз 30 октябри соли 2018 №994 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи тартиби гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон

190.010.150

Дар асоси қисми 2-и моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", дар асоси банди 15-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бахшида ба Рӯзи дониш - 1 сентябри соли 2018 баён доштанд, мутобиқи иҷрои банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. "Тартиби гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон" тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Гузаронидани амалиёти тамоми ҷарроҳиҳо, аз ҷумла хатна бо тарзу усулҳои тибби халқӣ дар шароити ғайрибеморхонавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шавад.

3. Ба сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе, сартабибони беморхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои ҷумҳуриявии тандурустӣ ва роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ супориш дода шавад:

- барои гузаронидани амалиёти хатнаи писарбачаҳо дар муассисаҳои тиббии давлатӣ тавассути ҷарроҳони касбӣ тибқи тартиби муқаррааргардида шароитҳои мусоид муҳайё намоянд;

- корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ оид ба пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятие, ки бо роҳи ҷарроҳӣ интиқол меёбанд (вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳо ва дигар оризаҳои баъдиҷарроҳӣ, аз ҷумла бемориҳои хун), пурзӯр намоянд.

4. Ба директорони муассисаҳои давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим" ва "Маркази матбуот"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки дар синни бармаҳал гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдаконро тавассути воситаҳои ахбори омма мунтазам пахш намоянд.

5. Ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки иҷрои фармоиши мазкурро зери назорати қатъӣ гирифта, нисбати табибони халқие (устоҳое), ки амалиёти хатнаро љайриқонунӣ анҷом медиҳанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

6. Ба шӯъбаи ҳуқуқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро барои бақайди давлатӣ гирифтан ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

7. Фармоиши мазкур баъди бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

8. Фармоши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2017 таҳти №701 оид ба "Тартиби гузаронидани амалиёти хатнаи кӯдакон" аз эътибор соқит карда шавад.

Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини соҳавии вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода